Китоби Муқаддас барои кӯдакон



# Ҳикояи муҳаббати Рут

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Lyn Doerksen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Агар шумо бобокалону бибикалон ва волидони онҳо ва ҳамаи онҳоеро ки пеш аз шумо дар ин хонавода буданд, медидед, шояд аз чӣ хел одамон будани онҳо ҳайрон мешудед. Дар Китоби Муқаддас яке аз гузаштагони одамии Исо, Рут буд. Ӯ зани муобие буд, ки бутҳоро парастиш мекард.



Ҳикояи Рут дар Исроил, баъд аз замони Шимъун, вақте ки халқи Худо ба Худо бовар ва итоат карданро бас намуданд, сар мешавад. Ба сарзамин қаҳтии сахте омад. Оё шумо медонед, ки қаҳтӣ чист? Дуруст! Қаҳтӣ ин вақте аст, ки меваю ғалла намерӯяд. Ҳайвонот ва ҳатто баъзе вақт одамон аз гуруснагӣ мемиранд.





Марде бо номи Элималик бо зану ду писараш ба ҷустуҷӯйи хӯрокӣ аз шаҳри Байт-Лаҳм баромада рафтанд. Онҳо ба сарзамини Муоб, ки одамонаш бутпараст буданд, омаданд.



Шароити Элималику оилааш дар Муоб хуб нашуд. Ӯ вафот кард ва баъд ду писараш низ мурданд.




Зани Элималик, Ноомӣ бо ду келинаш Рут ва Урфо монд. Ҳар ду духтарон аз Муоб буданд.

Ноомӣ, ки акнун бева монда буд, шунид, ки Худованд ба халқаш меҳрубонӣ карда, ба онҳо хӯрокӣ додааст. Ӯ қарор кард, ки ба ватанаш баргардад. Аммо ин ду духтар чӣ кор мекунанд? Ноомӣ ба онҳо маслиҳат дод, ки дар Муоб монда, боз ба шавҳар бароянд.



Урфо ба хонаводаи худ баргашт. Аммо Рут нахост. Ӯ таронаи зебое сароида, ба воситаи он ваъда дод, ки хушдоманашро ҳаргиз тарк намекунад.





Дӯстони деринаи Ноомӣ хурсанд шуданд, ки вай ба хона, ба Байт-Лаҳм баргашт. Аммо Ноомӣ аз онҳо хоҳиш намуд, ки вайро ба ҷойи Ноомӣ (яъне форам), Моро (яъне талх) ном баранд. “Зеро Худои Қодир ҳаёти маро талх кардааст” — гуфт ӯ. Ноомӣ ғайр аз Рут бо дасти холӣ баргашта буд.



Ҳарчанд Рут ба монанди бештари сокинони Муоб бутҳоро мепарастид, вай аз он рӯй гардонда, Худои зиндаи Исроилро ибодат кард. Рут сахт меҳнат мекард, то Ноомӣ серу пур бошад. Ӯ ҳар рӯз дар саҳро аз паси даравгарон рафта, хӯшаҳои ба замин ғалтидаро мечинд.







Буаз, ки соҳиби саҳро буд, шунид, ки чӣ хел Рут нисбат ба хушдоманаш хубӣ кардааст. Вақте ки Буаз Рутро дид, ба вай ёрӣ доданӣ шуда, ба даравгаронаш фармон дод, ки аз пушти худ қасдан каф-каф донаҳоро боқӣ гузоранд. Рут ба Буаз маъқул шуда буд.



Вақте ки Рут дар бораи Буаз ва меҳрубонии вай ба Ноомӣ нақл кард, зани калонсол ба Худо ҳамду сано гуфт. “Ин мард хеши мо аст, яке аз сарпарастони наздикамон аст” — илова кард ӯ.





Чанд вақт гузашту Буаз хост, ки Рутро ба занӣ гирифта, Ноомӣ ва замини хонаводагиашонро нигоҳубин намояд.  Аммо аввал як хеши наздики дигар чунин имкониятро дошт. Ин мард заминро гирифтан мехост, аммо Рутро ба занӣ гирифтан намехост. Қонун мегуфт, ки вай якеро бе дигаре гирифта наметавонад.

Дар он рӯзҳо, одамон барои додугирифт кардан даст намефишурданд. Буаз пойафзолашро кашида, дар пеши ҳама онро ба каси дигар дод. Ҳамин тавр кор буд шуд.
Рут зани Буаз мешавад.



Акнун ӯ ва Ноомӣ
як қисми оилаи
Буаз буданд.



Буазу Рут писари якумашонро Убид ном монданд.  Убид бобои Довуд, яъне Убид бобои шоҳи бузурги Исроил буд.

Аммо аҷибтараш ин аст, ки нинича Убид, аҷдоди Худованд Исои Масеҳ буд.  Исо аз насли хонаводаи шоҳ Довуд ба дунё омадааст, то шоҳи шоҳон ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон бошад.



Ҳикояи муҳаббати Рут

Ҳикоя аз Каломи Худо

Рут

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16